# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсяи **Сафаров Фируз Холназарович** дар мавзӯи **«Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ»**, барои дифоъ дар шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-039, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 02.03.11 - паразитология пешниҳод шудааст

**Мубрамии мавзӯъ:** Тараққиёти пуравҷи гӯсфандпарварӣ тақозо менамояд, ки усулҳои самарабахши мубориза бар зидди бемориҳои гиҷҷавӣ бо дар назардошти биология, эпизоотология, технологияи хӯрокдиҳӣ ва нигоҳубини ҳайвонот кор карда баромада шаванд. Муайян карда шудааст, ки муваффақият дар мубориза ва пешгирии бемориҳои гиҷҷавии ҳайвонот ҳам аз донистани хусусиятҳои эпизоотологӣ дар шароити мушаххаси иқлимӣ, бо дар назардошти технологияи нигоҳдории ҳайвонот ва ҳам аз истифодаи моводи зиддигиҷҷавии дорои хеле самаранокии баланд вобаста аст. Дараҷаи баланди ба роҳ мондани тадбирҳои байторию-беҳдоштӣ, пешгирӣ ва солимгардонӣ дар як қатор кишварҳо дар соҳаи чорводории ширӣ ва гӯштӣ вазъи пурраи мусоидии эпизоотиро аз лиҳози бемориҳои гиҷҷавӣ, соддатаринӣ ва сироятӣ таъмин менамояд.

Аз ин хотир мавзӯи рисолаи номзадии Ф.Х. Сафаров "Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ" аҳамияти муҳими илмию амалӣ дошта, саривақтӣ ва ниҳоят мубрам арзёбӣ мегардад.

**Навгонии илмӣ.** Якумин маротиба дар шароити Тоҷикистони фауна ва паҳншавии трематодаҳои чорвои калон ва хурди шохдор пурра омӯхта шуда, дараҷаи сироятёбии чорвои калон ва хурди шохдор аз трематодаҳо вобаста ба синну сол, фасли сол, инчунин сироятёбии гурӯҳӣ ошкор карда шудааст. Зичии нармбаданҳо - соҳибони мобайнии трематодаҳо дар чарогоҳҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ муайян карда шудааст. Бори аввал дар ҷумҳурӣ дар шароити озмоишгоҳӣ биологияи барангезандаи фассиолёз (*Fasciola hepatica*) омӯхта шудааст. Ҳамчунин самаранокии як қатор моводҳои зиддигиҷҷавӣ дар шароити чорвопарварии чарогоҳӣ муайян ва ба чорводорон тавсия карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Вазъи эпизоотии трематодозҳои чорвои калон ва хурди шохдор дар шароити Тоҷикистон муайян карда шуда, дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда пешниҳодҳои амалӣ ва дастурамали методӣ оид ба «Муолиҷа ва пешгирии гелминтозҳои кавшакунандагон (эпизоотология, ташхис, ва чораҳои мубориза)» таҳия карда шудааст. Ҳамчунин 6 мақолаю фишурдаҳои илмӣ ба табъ расонида шудаанд, ки аз аҳамияти назарявию амалии таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд.

## ХУЛОСА

Қайд кардан ба маврид аст, ки оид ба муҳиммият, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалӣ доштан ва ҳаҷми гузаронидани таҳқиқотҳо ба талаботи дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо, ки бо фармоиши раиси КОА назди Президенти Ҷумлурии

Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 тасдиқ шудааст, барои дисертатсияҳо оид барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ҷавобгӯ буда, муаллифи он **Сафаров Фируз Холназарович**, ки диссертатсияро дар мавзуи «**Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ**» иҷро намудааст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.08 - паразитология арзанда мебошад.

Мудири кафедраи биологияи тиббӣ
бо асосҳои генетикаи
МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино"
н.и.б., дотсент — Ризоева О.А

МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО" РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ / УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ

имзои/подпись Ризоева О.А.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
/ НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«13» сентября 2024 с/г